**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович ба диссертатсияи Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод гардидааст**

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.** Дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои нави бозорӣ, рақобат дар истеҳсолот ва бозори молҳо, шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ, бунёди сехҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва номгӯи нави маҳсулоти саноатӣ ҳар як корхона кушиш мекунад, ки даромаднокии корхонаро зиёд карда фойдаи даркориро ба даст орад. Дар ин раванд накши ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноати бофандагӣ назаррас буда, барои дуруст ба ҳисоб гирифтани захираҳои моддӣ – истеҳсолӣ ва назорати дохилию соҳавии корхона истифодаи онҳо мусоидат мекунанд. Илова бар ин дигаргуниҳои куллие, ки дар низоми идоракунӣ ва раванди истеҳсоли корхонаҳои саноати бофандагӣ ба амал меоянд, диққати асосиро барои ҷори намудани усулҳои инноватсионии ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои ин соҳа тақозо мекунад.

Дар айни замон, проблемаҳои таҳқиқоти рушди ташкили баҳисобкунии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ

таъхирнопазир ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, муносибати байни хароҷоти истеҳсолот ва самаранокии иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ рӯ ба афзоиш намуда истодааст.

Арзёбии саривақтӣ ва боэътимоду самараноки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ин муносибатҳои ба афзоиши мувофиқатии сатҳи хароҷоти музди меҳнат ва дигар бандҳои хароҷоти истеҳсоли мутобиқи тавозуни талабот ва пешниҳоди маҳсулоти саноати бофандагӣ дар бозори молҳо ва хизматрасониҳои соҳавӣ мусоидат мекунад.

Ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд ҳамчун маҷмӯи шаклҳо ва усули илман асоснок ва амалан татбиқшаванда мақсаднок бошад, то ин ки манфиатҳои кормандон, ки бо баланд бардоштани самаранокии фаъолияти меҳнатӣ, махсусан кам кардани хароҷоти истеҳсолот ба як воҳиди маҳсулот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаи саноати бофандагӣ нигаронида шудааст, тафсир кардан айнӣ шудааст.

Ғайр аз ин, аҳамияти мавзӯи дар диссертатсия таҳқиқотшаванда, ин дарёфт намудани шаклҳои инноватсионӣ ва такмили низоми ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ бо дарназардошти самаранокии фаъолияти ин низом мебошад.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти диссертатсия ташкили баҳисобгирии идоракунонии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ҳамчун шакли таъмини самаранокии иқтисодӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мавриди таҳқиқоту баррасӣ қарор гарифтааст ва муҳимияти мавзӯъро муайян мекунад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот яке аз ҷанбаҳои калидии баҳисобгирии идоракунӣ маҳсуб ёфта, пойгоҳи иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад. Ташкил ва пешбурди дурусти баҳисобгирӣ ва идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ масъалаи таъхирнопазире барои бисёр корхонаҳои муосир мебошад, ки онро

оҷилан бояд ҳал намуд. Бо таҳқиқи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии мамлакат аён мегардад, ки вай ба ислоҳоти ҳамаҷониба тибқи талаботи бозор ва хусусиятҳои соҳаи мазкур ниёз дорад.

Проблемаи ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ҳоло ин корхонаҳо дар шароити рақобати шадиди бозорӣ фаъолият доранд ва барои ба даст овардани мавқеи муносиби худ дар бозор ба онҳо зарур аст, ки тарзҳо ва усулҳои барои худ ғайрианъанавии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслиро ба кор баранд. Ин гуна тарзҳо ва усулҳо аллакай дар таҷрибаи байналмилалии баҳисобгирии идоракунӣ маъмул мебошанд ва ҳадафи ниҳоии онҳо идоракунии муваффақонаи хароҷот дар корхона ба хотири баланд бардоштани натиҷаҳои молиявӣ мебошад.

Корбурди усулҳои муосири дар таҷрибаи байналмилалӣ маъмули баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ имкон медиҳад, ки ҳам сатҳи муносиби хароҷот муайян карда шавад ва ҳам бартариҳои рақобатпазирии корхона, нуфузи маҳсулоти корхона дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, талаботи мушаххаси вазъи бозор арзёбӣ карда шаванд ва дар ниҳоят қарорҳои идоракунии дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ қабулгардида, таъсирбахш гарданд.

Ҳамаи ҳолатҳои зикргардида мубрамии масъалаи ташкил ва рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷотро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқотро дар ин самт тасдиқ менамоянд. Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот дар асосноккунии илмӣ ва истифодаи амалии нуктаҳои асосии диссертатсия, ки корбурди онҳо барои беҳгардонии низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мусоидат мекунад, ифода меёбад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» барои корхонаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим буда, дар оянда ҳамчун масъалаи актуали боқӣ мемонад.

**Баҳо додан ба мазмуни диссертатсия, дараҷаи асосноккунии ҳолатҳои илмии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳия гардида, асоснокӣ ва навгонии он.**

Кори диссертатсионӣ аз сарсухан, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, 15 ҷадвал, 19 расм, 5 формула иборат буда, дар 196 саҳифаи чопӣ зикр гардидааст. Феҳристи адабиёт аз 198 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддимаи мубрамӣ** ва зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишори натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян карда шудааст.

**Дар боби якум** – «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандандагӣ» (саҳ.12-66) мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Дар ин қисм муаллиф бештар ба таҳқиқи заминаҳои таърихӣ ва асосҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот (саҳ.12-32), мавқеи баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир (саҳ.32-49), хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгиирии идоракунии хароҷот (саҳ. 49-66) диққати махсус додааст.

**Дар боби дуюм** – «Таҳияи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.67-116), аз он ҷумла таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (саҳ.67-84), равиши консептуалӣ ба ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ (саҳ.84-99), татбиқи усули марҳилавии ҳисобкунии арзиши аслӣ дар низоми идоракунии хароҷоти корхонаҳои саноати бофандагӣ (саҳ.99-115) пешниҳод гардидааст.

**Дар боби сеюм** – «Дурнамои рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.116-165) мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст. Дар ин боб унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки бештар ба масъалаҳои такмили пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар асоси стандартикунонӣ (саҳ.116-133), татбиқи низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноатӣ бофандагӣ (саҳ.133-150); Таҳияи амсилаи рушди баҳисобгирии идоракунии стратегии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ (саҳ.150-165) диққат дода ва онро дар асоси маводҳои илмӣ ва амалӣ таҳқиқ ва асоснок намудааст.

**Дар хулоса натиҷаҳо** ва тавсияҳо оид ба такмил додани механизми ташаккул ва рушди низоми ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар мисоли маводҳои корхонаҳои саноати ҷумҳурӣ ҷамъбаст карда шудааст.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 198 номгӯи монография, мақолаҳои илмӣ, сарчашмаҳои оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои расми давлатии ба мавзӯи таҳқиқот алоқаманд, инчунин 15 ҷадвал, 19 расм, 5 формуларо дар бар мегирад.

**Асоснокунӣ ва боварибахш будани хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ,таълифоти олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масоили ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин

истифодаи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳлил ва синтез ба даст оварда шудаанд.

Хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгонии илми аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо илмии ҷумҳурявӣ ва байналмиллалӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**Аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия.**

1. Муаллиф дар асоси ҷамъбасти микдори зиёди адабиёт ва мақолаҳои илмӣ, таҳлили ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ кӯшиш кардааст, ки мавқеи худро оид ба заминаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот, мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ», марҳилаҳои асосии пайдоиши баҳисобгирии идоракунӣ, «баҳисобгирии истеҳсолӣ», «фаъолияти соҳибкор» аз нигоҳи олимони соҳаи иқтисод Алферд Лилбер ва дигар муҳаққиқон таҳлил намояд ва оид ба алоқамандии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ мавқеи худашро муайян созад.

Дар диссертатсия ба пайдоиш ва рушди баҳисобгирии арзиши аслӣ, якҷоя бо баҳисобгирии хоҷагидорӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, рушди баҳисобгирии арзиши аслӣ дар асри XIX, таҳлили мафҳумҳо «хароҷот» ва «масрафҳо» таҳлил карда шудааст, муҳосиботи ҳисобкунии арзиши аслӣ, «баҳисобгирии хароҷот дар замони муосир» (саҳ.18), мафҳуми «ҳисобкунии хароҷот ва натиҷаҳо», марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ҷиҳатҳои хоси онҳо (саҳ.20), таҳлили нуқтаи назари олимон оид ба мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ (саҳ. 22) пешниҳод карда шудааст, ки барои рушди назария ва амалия аҳамияти махсус дорад. Ҳамин тавр муаллиф нуқтаи назари мухталифро ҷамъбаст намуда, се равишро оид ба мақоми баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми иттилоотии корхона ҷудо кардааст (с.24-26).

Дар саҳифаи 27 муаллиф менависад, ки баҳисобгирии идоракунӣ се самти баҳисобгирии муҳосибӣ-баҳисобгирии молиявӣ, худи баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дарбар мегирад (с.27).

Воқеан ҳам шаклҳои дигари баҳисобгирӣ мавҷуд аст: баҳисобгирии фаврӣ, оморӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, лекин ин се шакли баҳисобгирии муҳосибии дар боло зикр гардида бо ҳам зич алоқаманд мебошанд, дар бораи алоқмандии мафҳумҳои идоракунии корхона ба баҳисобгирии идоракунӣ, мафҳуми «менеҷмент» (27), тарҳи алоқамандии мафҳумҳои асосии низоми идоракунӣ ва таҳлили мафҳуми «хароҷот» пешниҳод карда шудааст (с.28-31).

2. Аз ҷониби муаллиф мавқеи баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир мавриди таҳлил қарор дода шуда, ба омӯзиши масъалаҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосиби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.32-33), тарҳи таснифи масъалаҳои иқтисодии ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти зинаҳои иҷрои он (с.34), мафҳуми «таҳлил», таҳлил ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ, шарҳи мафҳуми «таҳлил», таҳлили молиявӣ, методикаи гузаронидани таҳлили иқтисодӣ (с.35-36), мафҳуми «таҳлил» ва таҳлили идоракунӣ аз нигоҳи олимони тоҷик (с.39-40), вазифаҳои таҳлили идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҳадафи асосии идоракунии корхона (с.41), таҳия намудани сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот, алоқамандии баҳисобгирии идоракунии бо дигар намудҳои баҳисобгири (с.42-43), амсилаи пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси СБҲМ (с.45), ҳамин тавр аз ҷониби муаллиф омилҳое пешниҳод карда шудаанд, ки аз нигоҳи ӯ барои рушди минбаъдаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи онҳо муҳим мебошанд (с.46-49).

3. Диссертант дар раванди таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳқиқоти хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили

баҳисобгирии идоракунии хароҷот, равишҳо ба ташаккули арзиши аслӣ махсусан дар таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ (с.51), сохтори истеҳсолии ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» (с.53), хусусиятҳои хоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷараёни истеҳсоли матоъ (газвор) дар ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» таҳқиқ карда шудааст (с.56), таркиби моддаҳои колкулятсияионӣ дар корхонаҳои саноатӣ (с.57), усулҳои муайян кардани вазни кондитсионӣ (с.60), талафоти истеҳсолии ашёи хоми коргоҳи бофандагӣ (с.60-61), хусусиятҳои асосии истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот (с.65-66) диққати махсус дода, мавқеи худро равшан нишон додааст.

4. Унвонҷӯ дар саҳифаҳои 67-84 «Вазъи муосири баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро мавриди таҳқиқот қарор додааст. Дар ин қисмат ба таърихи инкишоф ва тағйироти корхонаҳои бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, диаграмаи истеҳсолии газвор дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ақидаи олимони ҷаҳон оид ба мушкилоти мавҷуд буда дар низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои муосир (с.70), сохтори ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом, сохтори такмилдодашудаи ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом дар истеҳсолоти ресандагӣ (с.73-74), истифодаи нақшаи ҳисобҳо (с.79-81); Ҳамин тавр, муаллиф ба таҳқиқи равиши консептуалии ба ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ (с.84), амсилаи консептуалии таҳияи методикаи баҳисобгирии хароҷот (с.87), хусусияти ташкили намудҳои баҳисобгирӣ ва таносуби онҳо (с.91), тарзҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ (с.94), марҳилаҳои амсилаи ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот (с.95) диққати махсус дода, таклифҳо ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар ин самт зикршуда дорои аҳамияти илмӣ ва методӣ буда, лоиқи дастгирӣ мебошад.

5. Унвонҷӯ дар саҳ 97 пешниҳод менамояд, ки барои ташаккули баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ лозим аст, ки аз рӯйи панҷ маҳаки асосӣ қарорҳо қабул карда шаванд: тартиб ва сохтори низом, объектҳо, субъектҳо, нишондиҳандаҳо ва истифодаи технологияҳои компютерии коркарди иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ. Ба андешаи мо ин пешниҳод қобили қабул аст, татбиқи усули марҳилавии ҳисобкунии арзиши аслӣ дар низоми идоракунии хароҷот, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии хароҷоти истеҳсоли риштаи пахтагин дар фабрикаи ресандагии №3 ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» (с.103), камбудиҳои баҳисобгирии арзиши аслии воқеӣ пешниҳод карда шудааст (с.104), технологияи ҳисобкунии арзиши аслӣ ҳангоми тарзи нимтайёрдори баҳисобгирии хароҷот пешниҳод гардида (с.107), мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст ва таклифҳои муаллиф барои такмили низоми баҳисобгирии амалиёти соҳа аҳамияти назаррас доранд.

6. Аз ҷониби муаллиф бо мақсади муайян кардани рушди устувори босуботи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ дурномаи он мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ҳамин тавр муаллиф ба механизми пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар асоси стандарткунонӣ (с.116-124), самтҳои стандарткунонии баҳисобгирии идоракунӣ (с.130), муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирии корхона ҷиҳати баҳисобгирии идоракунӣ (с.132-133) таклифҳо пешниҳод карда шудааст, ки истифодаи онҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

7. Дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки бе банақшагирӣ ягон корхона дар шароити муосири иқтисодӣ фаъолияти хуб карда наметавонанд (с.133) Ба ин андешаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, зеро дар ин низом ҳамаи захираҳо ва имкониятҳои ба ҳисоб гирифта мешаванд, мафҳуми "буҷетикунонӣ" аз нигоҳи олимони ҷаҳон таҳлил карда шудааст (с.134-136), таркиби муқарароти буҷет барои корхонаҳои саноати бофандагӣ (с.141) пешниҳод карда шудааст. Ҳамин тавр, аз

ҷониби муаллиф вобаста аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ якчанд бартариятҳои истифодабарии буҷетикунонӣ дар корхонаҳо ҷудо карда шудааст (с.145), унсурҳои асосии механизми идоракунии буҷетикунонӣ муайян карда шудааст (с.149), масъалаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, банақшагирии стратегӣ, ҷараёнҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ (с.151-152), амсилаи рушди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва таҳияи хароҷот (с.160) пешниҳод карда шудааст, ки истифодаи онҳо дорои аҳамияти илмию методӣ мебошанд.

Хулоса навоварии илмии таҳқиқот аз асоснок кардани муқаррароти назариявӣ ва таҳияи самтҳои асосии таҳлили низоми ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноатӣ дар доираи таъмини рушди устувори иқтисодиёти саноати бофандагӣ иборат аст. Ҳамин тавр мушаххасан навгониҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшударо дар шакли зайл пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ ҷанбаҳои назариявию методологии низоми ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот, мафҳуми илмии «баҳисобгирии идоракунӣ», «баҳисобгирии муҳосибӣ», «идоракунии хароҷот», марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ, моҳият ва таъиноти баҳисобгирии идоракунии хароҷот, таҳлили нуқтаи назари олимони соҳа оид ба мафҳуми «баҳисобгирии идоракунии, мафҳуми «менеҷмент», мафҳуми «таҳлили идоракунии», тарҳи алоқамандии мафҳумҳои асосии «хароҷот», «масрафҳо», «хароҷот» чун «харҷ», баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, баҳисобгирии молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҳлили баҳисобгирии идоракунии хароҷот яке аз самтҳо ва механизми муҳими самаранок ва таъмини рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноати бофандагӣ асоснок карда шудааст.

2. Хусусиятҳои истеҳсолоти бофандагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот, равияҳо оид ба ташаккули арзиши аслии . маҳсулот дар таҳқиқоти илмии олимони ҷаҳон, масъалаҳои банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот,

таснифи хароҷоти истеҳсолот, фаъолияти марказҳои масъулият муайян карда шуда, аз ҷиҳати илмӣ таҳлил ва асоснок карда шудааст.

3. Вазъи муосири ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар мисоли ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик» таҳлил карда шуда, сохтори такмилдодашудаи ҳисобот оид ба ҳаракат ва истифодаи ашёи хом дар истеҳсолоти ресандагӣ асоснок ва муайян карда шуда, пешниҳод карда шудааст.

4.Равишҳои консептуалӣ оид ба низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, зарурияти рушди методологияи мавҷудоти баҳисобгирии идоракунӣ, такмилдиҳии воситаҳои методиеро тақозо менамоянд ва муайян карда шудааст. Ҳамин тавр аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои ташкили намудҳои баҳисобгирӣ ва таносуби онҳо муайян  ва дақиқ карда шудааст.

5. Методикаи татбиқи усули марҳилавии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои саноати бофандагӣ пешниҳод карда шуда, роҳҳои такмили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар асоси стандартикунонӣ муайян карда шудааст.

6. Бо мақсади тадбиқи низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия карда шуда, амсилаи рушди баҳисобгирии идоракунии стратегии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ таҳия карда шуда, роҳҳои тадбиқи самараноки он пешниҳод карда шудааст.

**Дар баробари** дастовардҳо ва муваффақиятҳои дар боло зикршуда таҳқиқоти диссертатсионӣ аз камбудиҳо ва норасогиҳои муайян холӣ нест. Ба сифати камбудиҳо нуқтаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:

1. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили буҷетикунонӣ ва ташаккули ҳисоботҳои идоракунӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ аз ҷиҳати илмӣ-методӣ бояд асоснок карда мешуд, аммо ба ҳалли ин масъала дар диссертатсия диққати зарурӣ дода нашудааст.

2. Беҳтар мебуд, ки хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои саноати бофандагӣ бо назардошти таъсири онҳо ба низоми ташкили идоракунии баҳисобгирӣ ва гузаштан ба низоми иқтисодиёти рақамӣ муайян карда мешуд.

3. Дар диссертатсия ба масъалаи таҳияи консепсияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мувофиқи талаботҳои СБҲМ мавриди таҳқиқот ва таҳлили зарурӣ қарор дода нашудааст.

4. Масъалаи муайян кардани самтҳои асосии оптимизатсияи баҳисобгирии идоравӣ дар базаи ислоҳот ва таҳияи инструментарияи алгаритми ташаккул ва бунёди зерсохтори баҳисобгирии идоракунӣ барои қабули қарорҳои идоракунии стратегӣ аз мадди назари унвонҷӯ дур мондааст.

5. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар адабиёти соҳаи иқтисодии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ дар бештар ҳолатҳо мафҳуми "хароҷот" бо мафҳуми "масрафҳо" ҳаммаъно ба кор бурда мешаванд. Вай тасдиқ кардааст, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ ин ду мафҳум аз ҳам тафовут мекунанд (с. 29). Вале, минбаъд, оғоз карда аз параграфи 1.2 дар матни диссертатсия танҳо мафҳуми хароҷот истифода шудааст.

6. Муаллиф дар параграфи 1.3 ҳангоми баррасии таъсири хусусиятҳои ташкилии сохтори корхонаҳои саноати бофандагӣ ба ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истеҳсолӣ аз ҷиҳати ташкили сохтор ба се намуд ҷудо шудани корхонаҳои соҳаро таъкид намудааст (с. 54), вале минбаъд дар бораи ин гуна таъсир ба таври муфассал дар диссертатсия дарҷ нагардидааст.

7. Дар параграфи 2.1, ки ба таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, маълумоти таърихӣ ва омории зиёде оварда шудааст, ки он қадар бамаврид нестанд (с. 67-70).

8. Дар матни диссертатсия баъзе калима ва ибораҳои душворфаҳм дучор меоянд, ки бояд фаҳмотар шарҳ дода мешуданд. Масалан, дар ҷадвали 2.1 дар саҳифаи 73 ибораи “тасмаи баргарданда” омадааст, ки ба забони русӣ чун “обратная лента” маънидод карда шудааст.

9. Дар расми 3.3, ки дар он таркиби дастаи муқарраирии буҷетҳо барои корхонаҳои саноати бофандагӣ тасвир гардидааст, таркиби буҷетҳои амалиётӣ пурра нест. Хуб мебуд, агар муаллиф таркиби буҷетҳои амалиётиро муфассалтар тасвир мекард.

Камбудиҳои номбаршуда хосияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, ислоҳ шавандаанд, онҳо ба сифат ва арзиши пурраи илмии диссертатсияи тақризшаванда таъсир расонида наметавонанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод гардидааст, дар сатҳи зарурии илмӣ-методӣ ба ҷо оварда шуда, таҳқиқоти мустақилонаи илмии баитмомрасида мебошад. Муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи унвонҷӯ буда, натиҷаҳои ба даст омада боэътимод, дорои арзиши илмию амалии муайян мебошанд. Тавсияҳо ва эродҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар мавриди такмилдиҳии низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ислоҳ ва ба кор бурда шаванд.

Автореферати диссертатсия мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, тибқи талаботи мавҷудбуда таҳия карда шудааст.

Диссертатсияи Розиев Дилшод Астанақулович дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур** Шарифов З.Р.

**Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146**
**Тел: (+992) 90 500 44 00, E-mail: zarif-sharifov.49@mail.ru**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо** Зуҳуров З .